Следовательно, обращение к статье 1 Конституции Республики Таджикистан позволяет сделать важный вывод: экологическая демократия – это конкретное воплощение принципов демократического и правового государства, закреплённых в основном в законе страны. Если демократия в политическом смысле означает участие народа в управлении государством, то экологическая демократия выражает участие граждан в управлении природной средой, в контроле за экологической безопасностью и рациональным использованием природных ресурсов. Тем самым она придаёт реальное содержание идее народовластия, распространяя её

не только на политическую, но и на экологическую сферу правоотношений.

В этой связи, можно утверждать, что провозглашённые в Конституции Республики Таджикистан принципы демократизма получают свою конкретное развитие через институт экологических прав человека, которые выступают практическим инструментом реализации конституционного идеала, т.е. построения демократического, социально-ориентированного и экологически ответственного государства. Уместным будет подчеркнуть, что именно по этой причине признание, защита и развитие экологических прав неразрывно связано с укреплением демократических основ таджикской государственности.

Во втором параграфе третьей главы – **«Проблемы и перспективы развития экологического законодательства Республики Таджикистан»** – диссертантом последовательно анализируются проблемы дальнейшей гармонизации отечественного законодательства с международно-правовыми актами в области охраны окружающей среды, отсутствие комплексного подхода к экологическому нормотворчеству, правовое пробелы в части регулирования вопросов обращения с электронными отходами и перспективы внедрения механизма расширенной ответственности производителей.

Автором отмечается, что современное экологическое законодательство Республики Таджикистан находится на стадии своего активного становления и концептуального переосмысления, отражая переход от фрагментарного регулирования к системной, кодифицированной модели правового обеспечения охраны окружающей среды. Несмотря на наличие значительного массива нормативных актов, регулирующих отдельно аспекты природопользования, их эффективность во многом ограничивается отсутствием внутренней согласованности, дублирование норм, коллизиями и слабой правоприменительной практикой.

Одной из ключевых проблем является недостаточная интеграция международных экологических стандартов в

национальное законодательство, а также низкий уровень институциональной реализации основополагающих принципов современного экологического права, таких как «загрязнитель платит», расширенной ответственности производителей и устойчивого развития. В ряде случаев экологические нормы носят лишь декларативный характер, не обеспечены экономическими механизмами реализации и не подкреплены системой эффективного контроля и ответственности.

Однако, несмотря на эти недостатки, тенденции развития экологического законодательства Республики Таджикистан позволяют говорить о формировании предпосылок для его системной кодификации и постепенного обновления. Разработка проекта Экологического кодекса Республики Таджикистан представляет собой закономерный этап институционального развития, направленный на упорядочение нормативного массива, устранение противоречий, усиление превентивной направленности правового регулирования и повышение уровня экологической ответственности субъектов хозяйственной деятельности.

Перспективы развития экологического законодательства видятся в усилении научно-обоснованного подхода к процессу нормотворчества, в интеграции экологических требований в смежные отрасли права (градостроительное, земельное, водное, энергетическое и т.д.), а также в развитии цифровых инструментов экологического мониторинга и общественного контроля. Дальнейшее развитие экологического законодательства Республики Таджикистан должно быть ориентировано на создание эффективной, целостной и сбалансированной системы правового регулирования, основанной на международных стандартах и принципах экологической справедливости.

# ЗАКЛЮЧЕНИЕ

В результате проведенного исследования в области конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан, нами были сделаны следующие выводы:

1. Советский период конституционного развития в области охраны окружающей среды в Таджикистане можно охарактеризовать как этап государственно-централизованного владения природными ресурсами с минимальной экологической чувствительностью законодательства. Тем не менее, справедливо будет указать, что именно советский период заложил структурные основы для дальнейшего формирования экологического законодательства в Таджикистане, так как определил государственную монополию на природные ресурсы, установил правовые рамки их использования и подготовил почву для перехода к более прогрессивным, экологически ориентированным нормам уже в постсоветское время [1-А].

2. Современное конституционное регулирование экологических отношений в Республике Таджикистан отражает принципы интегрированного подхода, когда окружающая среда рассматривается не как отдельное направление правовой политики государства, а как сквозной элемент, пронизывающий экономическую, социальную, культурную и международную деятельность государства. Связь между экологией и правами человека, здоровьем населения, экономическим развитием и международным сотрудничеством становится всё более очевидной.

Эволюция конституционных норм в сфере охраны окружающей среды в Республике Таджикистан это не просто правовая хроника, а отражение глубоких социально-исторических процессов, демонстрирующих переход от индустриальной модели эксплуатации природы к современной концепции устойчивого развития и экологической ответственности государства и гражданского общества, что является закономерным этапом правовой эволюции, который формирует основу для дальнейшего

укрепления экологического права Республики Таджикистан [2-А].

3.Было определено, что конституционные основы экологического права Республики Таджикистан формируются системой взаимосвязанных нормативных предписаний, включающих нормы-принципы, нормы правила и норма-приоритеты, которые в совокупности определяют ценностные ориентиры, направления и механизмы правового регулирования в сфере охраны окружающей среды и использования природных ресурсов. Закрепление приоритетности экологической защиты, рационального природопользования и экологической безопасности как ключевых направлений государственной политики, а также признание природных ресурсов исключительной собственностью государства и возложение на него обязанности по обеспечению их эффективного использования в интересах народа, придаёт экологическим нормам конституционно-правовой характер и обуславливает их системообразующую роль в развитии национального экологического законодательства Республики Таджикистан [10-А].

4.Современные экологические вызовы, характерные для Республики Таджикистан, среди которых можно выделить процессы таяния ледников, опустынивания и деградации земель, загрязнения водных ресурсов и т.д. закономерно способствуют тому, что формирование национальной экологической системы становится невозможной без интеграции международных правовых норм, которые не только задают ориентиры, но и обеспечивают согласованность национальных мер с глобальными экологическими стратегиями. В этой связи принципы устойчивого развития, право на благоприятную окружающую среду, охрана биоразнообразия и климатическая безопасность становятся доктринальной основой для совершенствования правовой архитектуры Республики Таджикистан.

Экологическое право находится в процессе динамичной трансформации, от узкопредметного регулирования природопользования к формированию комплексной конституционно-правовой системы, основанной на синтезе национальных и международных принципов, экологизации законодательства и стратегическом понимании устойчивого развития. Подобная комплексная правовая конструкция не только укрепляет правовые гарантии экологических прав граждан, но и призвана способствовать обеспечению экологической безопасности и устойчивости государства в условия глобальных вызовов текущего столетия [6-А].

5. Анализ законодательства Республики Таджикистан показывает, что конституционные принципы получают своё развитие в отраслевом правовом регулировании через закрепление таких категорий, как приоритет охраны жизни и здоровья человека, право на достоверную экологическую информацию, участие граждан в принятии экологически значимых решений и реализация общественного экологического контроля. Активная реализация всего пласта указанных прав в своей совокупности укрепляют концепцию экологической демократии, в рамках которой граждане выступают не пассивными адресатами государственных решений, а активными субъектами экологических правоотношений.

Исходя из вышеизложенного, следует резюмировать, что конституционные принципы экологического права в Республике Таджикистан формируют основу экологически ориентированного правопорядка, направленного на гармонизацию интересов личности, общества и государства. И что не менее важно, они обеспечивают переход от декларативного уровня охраны окружающей среды к функциональной модели экологической ответственности, где охрана природы рассматривается как неотъемлемый элемент обеспечения прав человека, устойчивого развития и национальной безопасности [4-А].

6.Было определено, что если ранняя система прав человека строилась по секторам – личные, политические, социально-экономические, культурные, то в эпоху климатических изменений она все более тяготеет к интегративной модели, где экологический компонент пронизывает все категории прав человека в совокупности, что, в свою очередь, требует отказа от традиционной иерархии прав человека в пользу концепции экологической взаимозависимости прав и свобод, согласно которой защита окружающей среды становится необходимым условием реализации любого права, а не отдельным направлением правовой политики государства. К таковым правам, в частности, могут быть отнесены такие права как – право на благоприятную окружающую среду, право на природопользование, право на защиту экологических прав и т.д [6-А].

7. Признание значения экологических прав человека неразрывно связано с основополагающими принципами государственного устройства, закреплёнными в статье 1 Конституции Республики Таджикистан, согласно которой Таджикистан провозглашается демократическим государством. Подобное конституционное положение задаёт стратегический вектор развития страны, в котором демократия рассматривается не только как форма политической организации общества, но и как качественная характеристика всей государственной и общественной жизни, включая экологическую политику. В подобном контексте признание и обеспечение экологических прав граждан выступает обязательным элементом реализации демократического принципа, так как демократия немыслима без участия граждан в решении вопросов, затрагивающих их жизненные интересы, в том числе экологические. Реализация права на благоприятную окружающую среду, доступ к экологической информации, участие в принятии и решений и право на судебную защиту в совокупности являются проявлением демократии в экологическом измерении,

отражающим тесную связь между конституционным статусом личности и экологической ответственностью государства. Следовательно, обращение к статье 1 Конституции Республики Таджикистан позволяет сделать важный вывод: экологическая демократия – это конкретное воплощение принципов демократического и правового государства, закреплённых в основном в законе страны. Если демократия в политическом смысле означает участие народа в управлении государством, то экологическая демократия выражает участие граждан в управлении природной средой, в контроле за экологической безопасностью и рациональным использованием природных ресурсов. Тем самым она придаёт реальное содержание идее народовластия, распространяя её не только на политическую, но и на экологическую сферу правоотношений [5-А].

8. Современное экологическое Законодательство Республики Таджикистан находится на стадии своего активного становления и концептуального переосмысления, отражая переход от фрагментарного регулирования к системной, кодифицированной модели правового обеспечения охраны окружающей среды. Несмотря на наличие значительного массива нормативных актов, регулирующих отдельно аспекты природопользования, их эффективность во многом ограничивается отсутствием внутренней согласованности, дублирование норм, коллизиями и слабой правоприменительной практикой.

Одной из ключевых проблем является недостаточная интеграция международных экологических стандартов в национальное законодательство, а также низкий уровень институциональной реализации основополагающих принципов современного экологического права, таких как «загрязнитель платит», расширенной ответственности производителей и устойчивого развития. В ряде случаев экологические нормы носят лишь декларативный характер, не обеспечены экономическими механизмами реализации и не подкреплены системой эффективного контроля и

ответственности. Однако, несмотря на эти недостатки, тенденции развития экологического законодательства Республики Таджикистан позволяют говорить о формировании предпосылок для его системной кодификации и постепенного обновления. Разработка проекта Экологического кодекса Республики Таджикистан представляет собой закономерный этап институционального развития, направленный на упорядочение нормативного массива и усиления превентивной направленности правового регулирования [7-А].

## РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ПРАКТИЧЕСКОМУ ИСПОЛЬЗОВАНИЮ РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ

На основе анализа проблем в области конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан автором сформулирован ряд практических рекомендаций по совершенствованию законодательства:

1. В целях устранения выявленного в ходе настоящего научного исследования нормативного пробела представляется целесообразным сделать предложение по дополнению Конституции Республики Таджикистан новой статьей $39^1$ и изложить её в следующей редакции: «Каждый имеет неотъемлемое право на благоприятную и безопасную окружающую среду, необходимую для достойной жизни и благополучия. Государство обязано уважать, защищать и обеспечивать это право, проводить эффективную экологическую политику, принимать меры по предупреждению экологического вреда, а также гарантировать доступ граждан к достоверной и своевременной информации о состоянии окружающей среды и возможность участия в принятии экологически значимых решений» [1-А].
2. Действующий Закон Республики Таджикистан «Об отходах производства и потребления», принятый еще в 2002 году, во многом не учитывает существующую проблему роста количества электронных отходов, характерной для текущего периода. Статья 1 рассматриваемого закона даёт определение таких понятий как отходы, отходы потребления, вторичное

сырье, твёрдые бытовые отходы, опасные отходы, но не содержит конкретизации в части определения понятия электронные отходы. На наш взгляд, хотя в определённой мере электронные отходы и возможно отнести к типу вторичного сырья или к твёрдо-бытовым отходам, тем не менее целесообразным представляется выделение их в качестве отдельной категории, так как это является актуальной практикой в странах с ведущей законодательной практикой в рассматриваемой области правоотношений и в полной мере соотносится с международно-правовыми обязательствами Республики Таджикистан

В связи с вышеизложенным, считаем уместным предложить внесение изменений в статью 1 Закона Республики Таджикистан «Об отходах производства и потребления» от 10.05.2002 года и дополнить её определением «Отходы электрического и электронного оборудования», изложив её в следующей редакции: «Отходы электрического и электронного оборудования – изделия, комплектующие и материалы электрического и электронного происхождения, утратившие свои функциональные или потребительские свойства, подлежащие удалению, утилизации либо переработке, включая компоненты, узлы и материалы, образующиеся при демонтаже, ремонте или обновлении такого оборудования, а также пригодные для извлечения вторичных ресурсов» [8-А].

3.Представляется обоснованным сделать предложение практического характера по внесению изменений в статью 1 (Основные понятия) Закона Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» от 02.08.2011 г. и дополнить её следующим термином: «Расширенная ответственность производителей (РОП) – совокупность правовых, организационных и экономических мер, возлагающих на производителей и импортёров товаров, обязанность по сбору, переработке, повторному использованию и утилизации отходов, образующихся после утраты продукций потребительских свойств, с целью минимизации негативного воздействия на окружающую среду» [7-А].

## ПЕРЕЧЕНЬ НАУЧНЫХ ПУБЛИКАЦИЙ СОИСКАТЕЛЯ УЧЕНОЙ СТЕПЕНИ

### I. Монография и учебно-методический комплекс:

**[1-А].** Полтавец, А.В. Конституционные основы экологического права в Республике Таджикистан» [Текст]: монография / А.В. Полтавец. – Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) университет, 2023. – 181 с.

### II. Научные статьи, опубликованные в журналах, рецензируемых и рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан:

**[2-А].** Полтавец, А.В., Эльназаров, Д.Х. Проблемы развития конституционных норм в экологическом законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец, Д.Х. Эльназаров // Юридический вестник. – 2023. – № 1(13). – С. 33-39; ISSN: 2790-7570.

**[3-А].** Полтавец, А.В. Экологическая основа конституционного строения Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2023. – № 1(13). – С. 26-32. ISSN: 2790-7570.

**[4-А].** Полтавец, А.В. Понятие и содержание конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Законодательство. – 2023. – № 1(49). – С. 27-32; ISSN: 2410-2903.

**[5-А].** Полтавец, А.В. Нормативно-правовая система регулирования экологических проблем в Таджикистане: взаимодействие национальных и международных нормативных актов [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2023. – № 2(14). – С. 23-26; ISSN: 2790-7570.

**[6-А].** Полтавец, А.В. Конституционные основы экологических прав человека и их виды [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2025. – № 4(24). – С. 10-17; ISSN: 2790-7570

**[7-А].** Полтавец А.В., Давлатов, Х.Х. Проблемы и перспективы развития экологического законодательства Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец, Х.Х. Давлатов // Юридический вестник. – 2026. – № 1(25). – С.10-19; ISSN: 2790-7570.

## III. Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно-практических изданиях:

**[8-А].** Полтавец, А.В., Рахматова, Т.Р. Правовое регулирование электронных отходов в Республике Таджикистан на основании Базельской конвенции «О контроле за трансграничной перевозкой опасных отходов и их удалением» [Текст] / А.В. Полтавец, Т.Р. Рахматова // Юридический вестник. – 2021. – № 4(8). – С. 106-111; ISSN: 2790-7570

**[9-А].** Полтавец, А.В. Понятие экологической функции в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Актуальные проблемы современности: взгляд молодежи: материалы Международной научно-практической конференции (Душанбе, 5 мая 2023 г.) – Душанбе: РТСУ, 2023г. – С. 213 – 217.

**[10-А].** Полтавец, А.В. Проблемы классификации конституционных основ экологического права Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // XI Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (Душанбе, 31 октября 2023г.). – Душанбе: РТСУ, 2023г. – С. 132-138.

**[11-А].** Полтавец, А.В. Правовое регулирование лицензирования деятельности в сфере обращения с опасными отходами в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // XIII Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (Душанбе, 31 октября 2025г.). – Душанбе: РТСУ, 2025г. – С. 119-124.

**[12-А].** Полтавец, А.В. Экологическая основа конституционного строения Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Теоретико-правовые основы регулирования экологических прав человека и гражданина в правовой системе Республики Таджикистан и Российской Федерации: конституционно-правовой аспект». – Душанбе: РТСУ, 2025г. – С. 183-193.

**ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РУСИЯ ВА ТОҶИКИСТОН**

**ВБД:** 342.4:502 (575.3)
**ТКБ:** 67.99(2)01+26.22 (2 Тоҷ)
**П**-49

Бо ҳуқуқи дастнавис



**ПОЛТАВЕЦ АЛЕКСЕЙ ВИТАЛЬЕВИЧ**

# АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ

**Душанбе – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-давлатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Элназаров Давлатшо Хоҷаевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-давлатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон. |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Сулаймонзода Манучеҳр Субҳоналӣ**– доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. |
| | **Бобоев Анварбек Хоҷаевич**– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. |
| **Муассисаи пешбар:** | Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе). |

Ҳимояи диссертатсия санаи «29» июни соли 2026, соати 11:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия тавассути сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон www.tnu.tj китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17) шинос шудан мумкин аст.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, E-mail: qobil9498@mail.ru Тел: 988949405.

Автореферат «____» ______________ соли 2026 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Рӯ овардан ба асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ бо тағйирёбии конститутсионализми муосир маънидод мегардад, ки дар доираи он масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва ҳуқуқҳои экологии инсон мақоми арзишҳои бунёдиро пайдо мекунанд. Дар шароити афзоиши таҳдидҳои экологӣ маҳз сатҳи конститутсионии танзими ҳуқуқӣ омили муайянкунандаи ташаккули модели устувори рушд ва таъмини самараноки амнияти экологӣ мегардад.

Марҳилаи муосири рушди инсоният бо тағйироти амиқи ҳолати муҳити зист тавсиф мешавад, ки бо тағйири иқлим, кам шудани захираҳои табиӣ, аз даст додани гуногунии биологӣ, обшавии пиряхҳо дар минтақа ва афзоиши фишори антропогенӣ ба экосистема вобаста мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари кӯҳии бо низоми экологӣ осебпазир ин мушкилот хусусияти махсус ва аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунанд.

Таъкид кардан лозим аст, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади бонизоми давлат дар ин ҳолат дар ташаккули асосҳои ҳуқуқии сиёсати экологӣ, муайянкунии самти рушди қонунгузории экологӣ, мушаххаскунии тавозуни байни манфиатҳои иқтисодӣ ва талаботҳои ҳифзи муҳити зист нақши калидӣ дорад. Маҳз меъёрҳои конститутсионӣ низоми институсионалӣ ва устувории меъёрии ҳуқуқи экологиро таъмин намуда, ҳуқуқҳои бунёдии экологии шаҳрвандон, уҳдадориҳои давлатро оид ба ҳифзи табиат ва механизмҳои амалигардонии сиёсати экологиро устувор менамоянд.

Дар шароити тамоюлҳои муосири рушди қонунгузории кишвар эътирофи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ҳамчун арзиши олӣ хусусияти меъёрии конститутсионӣ пайдо мекунад ва ҳамчун принсипи калидӣ фарогири кулли низоми асосҳои сохтори конститутсионӣ мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин маъно на танҳо афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро мустаҳкам мекунад, балки ба зиммаи давлат уҳдадории мусбат оид ба ташаккули чунин шароити ҳуқуқӣ ва институсионалиро вогузор менамояд, ки самаранокии онҳоро таъмин мекунанд. Ҳамин тавр меъёрҳои конститутсионӣ мазмуни арзишии ҳадафмандонаро пайдо намуда, аз муқаррароти расмии декларативӣ ба механизми амалии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ табдил меёбанд.

Устуворнамоии конститутсионии асосҳои экологӣ бо фаъолияти давлатӣ мантиқан аз эътирофи инсон ҳамчун арзиши олии конститутсионӣ бармеояд ва ба таъмини шароити заминавии мавҷудият ва рушди он нигаронида шудааст. Ҳифзи муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар ин замина ҳамчун унсурҳои ба ҳамдигар вобаста ва ҳамдигарро пурракунандаи модели ягонаи конститутсионии рушди экологӣ баромад мекунанд, ки ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва муҳити мусоиди зиндагии инсон равона шудаанд. Меъёрҳои экологии конститутсия дар ин ҳолат аҳаммияти системавӣ пайдо намуда, аз чаҳорчӯбаи танзими хусусияти маҳдуд берун баромада ба ташаккули қонунгузории соҳавӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии кишвар таъсир мерасонанд.

Ба маънои васеъ, дар ченаки ҳуқуқи конститутсионӣ афзалияти ҳуқуқу озодиҳои шахс, ки бо унсури экологӣ такмил ёфтааст, зарурати ташкили аз нигоҳи экологӣ нигаронидашудаи соҳаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии ҳаёти ҷамъиятиро муайян менамояд. Конститутсия дар ин ҷо ҳамчун асоси меъёрии мутаҳидкунанда баромад намуда, ҳамоҳангсозии манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ, инчунин ташаккули модели устувори рушди давлатро таъмин менамояд. Дар натиҷа вазифаи экологии давлат хусусияти аз ҷиҳати конститутсионӣ асосёфта пайдо намуда, ба қисми

ҷудонашавандаи механизми татбиққунанда ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳамчун арзиши олии сохтори конститутсионӣ табдил меёбад.

Уҳдадории конститутсионии давлат оид ба эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи экологӣ механизми меъёрии калидӣ мебошад, ки ҳамгироии манфиатҳои экологии шахсро ба низоми асосҳои сохтори конститутсионӣ таъмин мекунад. Амалӣ гардондани уҳдадории мазкур ба ҳуқуқҳои экологӣ на хусусияти ихтиёрӣ, балки ҳатмӣ мебахшад ва онҳоро ба талаботи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳамиятнок табдил медиҳад, ки аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ бояд таъмин карда шаванд. Ҳамин тавр Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи ҳалқаи пайвасткунандаро байни танзими арзиши афзалияти шахс ва механизмҳои амалии ҳифзи муҳити зистро иҷро мекунад, ки ба ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми фард нигаронида шудаанд.

Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таъсисӣ ва низомноки худро иҷро намуда, асосҳои меъёрии муосири ҳолати ҳуқуқии конститутсионии шахсро гузошта, институтҳо ва категорияҳои ҳуқуқии навро ба он ворид намуд, ки дар марҳилаи шуравии рушд дар сатҳи олӣ инъикоси меъёрӣ наёфта буданд. Бори аввал дар модели миллии конститутсионӣ ҳуқуқҳои экологии шахс ва уҳдадориҳои мувофиқи давлат ба онҳо ниҳодмандӣ гардиданд, ки аз сифатан васеъ гардидани мазмуни тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ шаҳодат медиҳад. Масалан, муқаррароти конститутсионӣ дар бораи андешидани чораҳо аз ҷониби давлат оид ба беҳдошти муҳити зист (моддаи 38) уҳдадориҳои мусбати ҳокимияти давлатиро ташаккул медиҳад, ки ба пешгирии хатарҳои экологӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагии аҳолӣ нигаронида шудаанд.

Дар низоми кафолатҳои конститутсионӣ аҳаммияти махсусро муқаррар намудани моликияти истисноии

давлат ба замин, сарватҳои зеризаминӣ, захираҳои об, фазои ҳавоӣ, олами ҳайвонот ва наботот ва дигар сарватҳои табиӣ, инчунин уҳдадории давлат оид ба таъмини истифодаи самараноки онҳо ба манфиати халқро ишғол менамояд (моддаи 13). Ин муқаррароти Конститутсияи кишвар ба сиёсати экологӣ хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ мебахшад ва идоракунии захираҳои табииро ба принсипҳои истифодаи оқилона, устувор ва масъулияти байнинаслӣ равона мекунад. Дар ҳамоҳангӣ бо кафолатҳои конститутсионии озодии сухан, матбуот ва ҳуқуқ ба истифодаи воситаҳои иттилоот (моддаи 30) замина барои назорати ҷамъиятӣ, иттилоотонии экологӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти экологӣ шароити муҳим фароҳам оварда мешаванд, ки дар маҷмуъ механизми ҳуқуқи конститутсионии ҳифзи ҳуқуқҳои экологии шахсро устувор мегардонад.

Модели ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз зарурати ташаккули механизми устувори ҳифзи аҳолӣ аз таҳдидҳои экологӣ бармеояд ва амнияти экологиро ҳамчун унсури мустақил ва муҳимми амнияти миллӣ мустаҳкам менамояд. Меъёрҳои Конститутсияи кишвар давлатро ба истифодаи фаъоли воситаҳои ҳуқуқӣ, ки қобилияти таъмин на танҳо муқовимати расмӣ, балки воқеии хатарҳои экологӣ, ки дар раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, равона мекунанд. Ба ин маъно амнияти экологӣ андозаи конститутсионӣ пайдо намуда, натиҷаи фаъолияти мақсадноки ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки мувофиқи афзалиятҳои ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс ва ҷамъият сохта шудаанд.

Таҳкими амнияти экологӣ тавассути низоми институтҳои махсус ва механизмҳо амалӣ гардида, фаъолияти онҳо бояд ба нишондиҳандаҳои конститутсионии мустаҳкамшудаи таъмини амнияти миллӣ такя кунад. Низоми чунин институтҳо чаҳорчӯбаи

ҳуқуқӣ ва ташкилии ягонаро ифода менамоянд, ки дар доираи он манфиатҳои экологӣ ба соҳаи идоракунии умумӣ ва танзими ҳуқуқӣ ҳамгиро мешаванд. Дар ин ҳолат меъёрҳои конститутсионӣ самти фаъолияти онҳоро муайян карда, ҳудуд ва самтҳои таъсири иҷозатдодашудаи давлат ба муҳити табиӣ ва фаъолияти иқтисодиро ба мақсади пешгирии таҳдидҳои экологӣ муқаррар менамоянд.

Аҳаммияти афзалиятнок дар таъмини амнияти экологӣ ба асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ тааллуқ дорад, ки дар он мақоми шахс, ҷамъият ва давлатро ҳамчун воситаи самараноки мувофиқати манфиатҳои умумӣ ва хусусӣ таъмин мекунанд. Самаранокии ин асосҳо бевосита аз ташаккули шароити муносиби ҳуқуқӣ, ниҳодӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, инчунин ташаккули механизми бисёрсатҳаи ҳифзи онҳо вобаста аст, ки ҳам пешгирии вайронкуниҳоро ва ҳам барқарорсозии ҳуқуқҳои поймолшударо таъмин менамояд. Дар ин замина меъёрҳои конститутсионии экологӣ аз чаҳорчӯбаи муқарраротҳои барномавӣ берун баромада, хусусияти мустақиман татбиқшавандаи танзими ҳуқуқиро пайдо мекунанд.

Дар шароити афзоиши фишори экологӣ дар Тоҷикистони муосир аҳаммияти махсусро таҳкими минбаъдаи ҳуқуқи конститутсионии мазмуни арзишҳои умумиинсонӣ пайдо мекунад, ки робитаи муҳити зисти мусоид ва стандартҳои сазовори иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагиро инъикос менамоянд. Рушди устувори шахс, ҷамъият ва давлат бе сиёсати низомнок ва пайдарпайии ҳуқуқи экологии ба муқаррароти конститутсионӣ асос ёфтаву бо уҳдадориҳои байналмилалии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқшуда ғайриимкон мебошад. Дар чунин шароит Конститутсия на танҳо пойдевори сиёсати экологии дохилӣ, балки ҳамчун платформаи ҳуқуқӣ барои ҳамгироии он ба низоми

муосири ҳамкории байналмилалии экологӣ низ баромад мекунад.

Ба мақсад мувофиқ аст такид намоем, ки эътирофи ҳуқуқҳои экологии инсон аз ҷониби давлат на танҳо муқаррароти эълонӣ, балки уҳдадории маҷмуии сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки мустаҳкамгардонии принсипҳои шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ пешбинӣ менамояд. Дар ин замина ҳуқуқҳои экологӣ меъёри муҳимми давлати демократӣ мебошанд, зеро бе амалӣ гардондани самараноки онҳо таъсиси ҷомеаи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии адолатнок ғайриимкон аст. Бо назардошти ин тамоюлҳо дар назарияи илмии муосир тадриҷан консепсияи нави «демократияи экологӣ» ташаккул меёбад, ки ифодакунандаи чунин муқаррарот мебошанд: шаклҳои анъанавии демократия асосан ба озодиҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ тамаркуз мекунанд ва ба таври пурра андозаи экологии ҳуқуқҳои инсонро ба назар намегиранд, инчунин на ҳамеша ба иштироки пурраи ҷамъият дар идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои табиӣ ва чорабиниҳои нигаронидашудаву ба таъмини амнияти экологӣ мусоидат менамоянд. Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои давлат оид ба ҳифзи захираҳои табиӣ ва кафолатҳои ҳуқуқҳои инсонро муқаррар мекунанд, пойдевори меъёрии ниҳодии ҳуқуқҳои экологиро ташкил медиҳанд. Вобаста ба ин эътирофи ҳуқуқҳои экологии инсон аз ҷониби давлат уҳдадории конститутсионии сиёсӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки амалӣ гардондани принсипҳои шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои экологии муҳимро пешбинӣ менамояд ва ба тамоюлҳои муосири рушди консепсияи мазкур мувофиқ аст.

Масъалаҳои тағйири иқлим инчунин як қатор дигар мушкилоти экологӣ бо мақсади ташаккули механизмҳои самараноки ҳалли ин мушкилот мунтазам мавриди

таваҷҷӯҳи давлат қарор мегиранд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд карда буданд: «Бо назардошти тағйирёбии иқлим ва бо мақсади беҳтар кардани вазъи экологӣ дар кишвар, инчунин фароҳам овардани шароити беҳтар ва мусоид барои зиндагии аҳолӣ ба Ҳукумати кишвар, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, ҳамаи сохторҳо ва мақомоти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барномаи мушаххаси давлатии кабудизоркунӣ кишварро барои давраи то соли 2040 қабул ва амалӣ намоянд» [24]. Ба андешаи мо чунин равиш самти стратегии сиёсати экологии давлатиро инъикос менамояд, ки дар он таъкид ба чораҳои дарозмуддат оид ба нарм кардани оқибатҳои тағйири иқлим ва беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандон гузошта шудааст. Амалӣ гардондани барномаи васеи кабудизоркунӣ на танҳо воситаи мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим, балки ба рушди устувор, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва баланд бардоштани устувории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии мазкур мавзуи таваҷҷуҳи илмии муҳаққиқони гуногуни ватанӣ буда, аксар вақт дар чаҳорчӯбаи мушкилоти соҳавӣ, ки бо назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, молиявӣ, экологӣ, маданӣ, байналмилалӣ ва як қатор дигар соҳаҳои алоқамананданд, баррасӣ шуда дар асарҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ, аз ҷумла дар корҳои Г.С. Азизқулова [2], Б.С. Гадоев [4], А.М. Диноршоҳ [6], З.Д. Маҷидзода [9], Э.С. Насриддинзода [10], Б.А. Сафарзода [22], Ф.Т. Таҳиров [13], Д.Х. Элназаров [23] ва дигар муаллифон инъикос ёфтаанд.

Мушкилоти ҳуқуқҳои экологӣ аз рӯйи хусусият ҳаракати ҳамгирой дошта, дар робитаи зич байни заминаҳои манфиати оммавӣ ва хусусӣ ифода меёбад.

Таҳқиқотҳо дар ин замина дар асарҳои олимони кишвар чун Ш.К. Бадалов [21], Н.С. Боймаҳмадзода [15], Р.Д. Ҷабборов [5], А.В. Золотухин [7], Д.К. Рашидова [19], М.М. Соҳибзод [12], Г.В. Шарифов [14], М.А. Қодирзода [17] ва дигарон инъикос ёфтаанд.

Мушкилоти назариявии танзими ҳуқуқи конститутсионии муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ аз ҷониби муаллифони хориҷӣ чун С.А. Боголюбов [11], М.М. Бринчук [3], Д.В. Герасимов [16], О.С. Колбасов [8], М.Н. Копилов [18], Э.Ю. Яковлев [20] омӯхта шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дарозмуддати таҳқиқотии ва кафедраи фанҳои ҳуқуқӣ-давлатии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон» (ДСРТ) аз рӯйи самти «Мушкилоти муосири рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ дар шароити густариши равандҳои ҳамгиро барои давраи 2020-2025» гузаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ ва асосноккунии асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ дар шароити муосир мебошад. Рисола ба ошкор кардани моҳияти нақши муқарраротҳои конститутсионӣ дар таъмини амнияти экологӣ ва рушди устувори давлат нигаронида шудааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ба даст овардани мақсади мазкур ҳалли вазифаҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

– Таҳлили эволютсияи ташаккули асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Тоҷикистон дар

давраи шуравӣ, инчунин муайян кардани марҳилаҳо ва тамоюлҳои асосии рушди онҳо;

– Муайян кардани хусусиятҳои танзими ҳуқуқи конститутсионии муносибатҳои ҳуқуқи экологӣ, ки дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикосёфта;

– Таҳия ва дақиқ кардани мафҳум ва мазмуни асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ ва муайян кардани ҷой ва нақши онҳо дар низоми ҳуқуқи миллӣ;

– Омӯзиш ва тавсифи принсипҳои сохтори конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар низоми танзими меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Таснифоти ҳуқуқҳои конститутсионии экологӣ инсон, таҳлили ҷойи онҳо дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои шахс;

– Муайян ва таҳлили мушкилот ва зиддиятҳои асосии рушди қонунгузории конститутсионӣ-экологӣ, инчунин таъсири самаранокии танзими ҳуқуқии онҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист;

– Таҳия ва асоснок кардани тавсияҳои амалӣ ва пешниҳодҳо оид ба такмили механизмҳои ҳуқуқи конститутсионии танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ-экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар раванди амалигардонӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои экологии инсон ва шаҳрванд, инчунин дар соҳаи танзими давлатии муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ дар сатҳи конститутсионӣ ба вуҷуд меоянд. Дар таҳқиқот таваҷҷӯҳи асосӣ ба механизмҳо, институтҳо ва принсипҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, ки ҳамкории давлат, ҷамъият ва шахсро дар масъалаҳои ҳифзи муҳити зист таъмин менамоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** меъёрҳо, принсипҳо ва институтҳои ҳуқуқи конститутсионие ташкил медиҳад, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ-экологиро дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон танзим намуда, инчунин ҷой ва нақши онҳо дар низоми ҳуқуқи миллӣ муайян месозад. Дар доираи таҳқиқот мазмуни муқарраротҳои конститутсионӣ, ки асосҳои сиёсати экологии давлат, кафолатҳои ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон ва механизмҳои татбиқнамоии онҳоро муайян мекунанд, инчунин робитаи меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқиро бо дигар соҳаҳои ҳуқуқ, ки ба танзими соҳаи экологӣ равона гардидаанд, таҳлил карда мешавад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Мувофиқи фармони МБТ ОК «Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон» (ДСРТ) аз 2-юми декабри соли 2014, № 134 ҳамчун унвонҷӯ ба кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии ДСРТ қабул карда шудааст.

Бо суратмаҷлиси № 4-и ҷаласаи кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии ДСРТ аз 25-уми ноябри соли 2023 мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ: «Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардида, бо ҳамон қарор роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Элназаров Давлатшо Хоҷаевич муайян карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои илмии муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ ташкил дода, ба натиҷаҳои назариявӣ ва методологие такя мекунанд, ки фарогири ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти таҳқиқшаванда буда дар асарҳои илмии олимони зерин инъикос ёфтаанд: Г.С. Азизқулова, З. Ализода (З.М. Алиев), Ш.К. Бадалов, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, А. Достиев, А.В. Золотухин, З.Ҷ. Маҷидзода, Э.С. Насриддинзода, Д.К. Рашидов, Б.А. Сафарзода, Т.И. Султонова, Ф.Т. Таҳиров, А.Г. Ҳоликзода, Р.Г. Шабозов, Т.Ш. Шарипов, Р.Ш. Шарофзода, Д.Х. Элназаров, С.С. Алексеев, В.В. Лазарев, Н.С. Макаревич, А.В. Малько, М.Н. Марченко, Н.И. Матузов, Л.С. Явич, С.А. Боголюбов, М.М. Бринчук, А.К.

Голиченков, О.С. Колбасов, О.И. Крассов, В.В. Петров, Ю.С. Шемшученко, А.С. Шестерюк ва дигарон.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот ин рисола методҳои системавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-назариявӣ барои омӯзиши падидаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, методи моделсозии ҳуқуқӣ ва дигар методҳои таҳқиқоти ҳуқуқӣ истифода шудаанд. Методҳои мазкури таҳлили илмӣ имкон доданд, ки марҳилаҳои асосии эволютсионии ташаккули асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ муайян гарданд, қонуниятҳои рушди предмет ва объекти таҳқиқот ошкор карда шаванд, инчунин робитаи онҳо бо падидаҳои дигари иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Ҳамчун заминаи эмпирикии ин диссертатсия маводи илмӣ ва меъёрии интиқодии озмудашуда баромад мекунад, ки ҳолати кунунӣ ва мушкилоти муҳимми соҳаи ҳифзи муҳити зистро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос менамояд. Барои омӯзиши мушкилоти мураккаб ва байнисоҳавӣ муаллиф доираи васеи манбаъҳоро истифода бурдааст, ки ҷанбаҳои гуногуни онро равшан мегардонанд. Аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зистро танзим мекунанд, санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, санадҳои қонунгузории кишварҳои хориҷӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва ғайра.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки дар илми ҳуқуқшиносии кишвар бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи системавии асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пайдарҳамӣ таърихӣ, яъне аз давраи шуравӣ то марҳилаи муосири рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Дар кор робитаи меъёрҳои конститутсионӣ бо қонунгузории экологӣ асоснок карда шудааст, хусусиятҳои ташаккул ва амалӣ гардондани ҳуқуқҳои экологии инсон дар сатҳи

конститутсионӣ ошкор гардидаанд, инчунин таснифоти муаллифонаи ҳуқуқҳои конститутсионии экологӣ ва принсипҳои мустаҳкамгардонии онҳо пешниҳод шудааст. Илова бар ин, равишҳои нави илман асоснокшуда оид ба такмили механизмҳои ҳуқуқи конститутсионии ҳифзи муҳити зист ва таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон дар шароити рушди муосир пешниҳод гардидаанд.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Маводи таҳқиқшуда ба муаллиф имкон доданд, ки муқарраротҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод намояд:

1. Муайян карда шуд, ки асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми меъёрҳои ба ҳамдигар вобастаи меъёриро ташкил медиҳанд, ки меъёр-принсипҳо, меъёр-қоидаҳо ва меъёр-афзалиятҳоро дар бар мегиранд ва дар маҷмуъ нишондиҳандаҳои арзишӣ, самтҳо ва механизмҳои танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табииро муайян мекунанд. Устуворнамоии афзалияти ҳифзи экологӣ, истифодаи оқилонаи табиат ва амнияти экологӣ ҳамчун самтҳои калидии сиёсати давлатӣ, инчунин эътирофи захираҳои табиӣ ҳамчун моликияти истисноии давлат ва вогузор кардани уҳдадории таъмини истифодаи самараноки онҳо дар манфиати халқ ба меъёрҳои экологӣ хусусияти ҳуқуқи конститутсионӣ медиҳад ва нақши ташаккулдиҳандаи онҳоро дар рушди қонунгузории экологии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

2. Муаллиф тасдиқ мекунад, ки агар низоми қаблии ҳуқуқҳои инсон аз рӯйи соҳаҳо – шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ сохта мешуд, пас дар давраи тағйироти иқлимӣ он бештар ба модели ҳамгироӣ тамоюл дорад, ки дар он унсури экологии ҳамаи категорияҳои ҳуқуқҳои инсонро фаро мегирад. Ин дар навбати худ рад кардани иерархияи анъанавии ҳуқуқҳои инсонро ба нафъи консепсияи ба ҳамдигар вобастаи экологии ҳуқуқу озодиҳо талаб намуда, мувофиқи он ҳифзи муҳити зист

шарти зарурии амалисозии ҳар навъи ҳуқуқ мегардад, на самти алоҳидаи сиёсати ҳуқуқии давлат. Аз ҷумла, ба чунин навъи ҳуқуқҳо, метавонанд ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, ҳуқуқ ба истифодаи табиат, ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ ва ғайра дохил шаванд.

3. Асоснок карда мешавад, ки эътирофи аҳаммияти ҳуқуқҳои экологии инсон бо принсипҳои бунёдии сохтори давлатӣ, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд, пайванди ҷудонашавандае дорад, ки мувофиқи он Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ эътироф карда мешавад. Чунин муқаррароти конститутсионӣ самти стратегии рушди кишварро муайян мекунад, ки дар он демократия на танҳо ҳамчун шакли ташкили сиёсии ҷамъият, балки ҳамчун хусусияти сифатӣ тамоми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсати экологӣ баррасӣ мешавад. Дар чунин замина эътироф ва таъмини ҳуқуқҳои экологи шаҳрвандон унсури ҳатмии татбиқи принсипи демократие зоҳир мегардад, ки демократияро бе иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётии онҳо, аз ҷумла манфиатҳои экологӣ дахл доранд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Амалӣ гардондани ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, иштирок дар қабули қарорҳо ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар маҷмуъ зуҳури демократия дар андозаи экологӣ мебошанд, ки робитаи зичи байни вазъи конститутсионии шахс ва масъулияти экологии давлатро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, мурожиат ба моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаи муҳим бароварда шавад: демократияи экологӣ – ин татбиқи мушаххаси принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар қонуни асосии кишвар мустаҳкам шудаанд.

4. Тасдиқ карда мешавад, ки яке аз мушкилоти калидӣ норасоии ҳамгироии стандартҳои байналмилалии экологӣ ба қонунгузории миллӣ, инчунин сатҳи пасти

институсионалии амалисозии принсипҳои асосии ҳуқуқи экологии муосир, аз қабили «ифлоскунанда пардохт мекунад», масъулияти васеи истеҳсолкунандагон ва рушди устувор мебошад. Дар як қатор ҳолатҳо меъёрҳои экологӣ фақат хусусияти эъломиявӣ доранд, ки бо механизмҳои иқтисодии татбиққкунанда таъмин нашудаанд ва бо низоми самараноки назорат ва ҷавобгарӣ мустаҳкам нашудаанд. Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, тамоюлҳои рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки дар бораи ташаккули заминаҳо барои кодификатсияи низомнок ва навсозии тадриҷии он сухан ронда шавад. Таҳияи лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи табиии рушди институсионалии соҳа мебошад, ки ба танзимдарории маҷмӯи санадҳои меъёрӣ ва таҳким бахшидани самти пешгирии танзими ҳуқуқии он нигаронида шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои потенсиали татбиқи амалӣ дар шароити минбаъдаи рушди танзими ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Хулосаҳои дар раванди таҳқиқот кардашуда ба таҳлили амиқ ва системавии доктринаи илмӣ, меъёрҳои қонунгузории миллӣ ва санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ такя мекунанд. Маводи назариявии дар кор пешниҳодшуда метавонад ҳамчун асоси методологӣ ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи экологӣ» ва «Ҳуқуқи конститутсионӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат кунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳои дар доираи диссертатсияи мазкур таҳияшуда ба асосҳои методологии ҳамаҷонибае такя мекунанд, ки доираи васеи равандҳои таҳқиқотиро фаро мегирад. Эътимоднокии хулосаҳо бо фаҳмиши ҳамаҷонибаи ҳам доктринаи илмӣ-ҳуқуқии миллӣ ва ҳам хориҷӣ, инчунин

коркарди амиқи маҷмуи назарраси манбаъҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси .5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқот аз ҷониби муҳаққиқ дар асоси ташаббуси шахсии таҳқиқотӣ иҷро шудааст, ки дар таҳияи сохторҳои мафҳумии аслӣ оид ба масъалаҳои калидии мавзӯъ, инчунин апробатсияи муқарраротҳои асосии кор тавассути интишорот ва маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҳам сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ ифода ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар кафедраи фанҳои ҳуқуқи давлатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Русия ва Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муқарраротҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ марҳила ба марҳила гузаронида шуда дар маърузаҳо ва суханрониҳои муаллиф дар конфронсҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии зерин инъикос ёфтаанд:

**А) байналмилалӣ:**

– Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Мушкилоти муосири замон: назари ҷавонон». – Маъруза таҳти унвони: «Мафҳуми вазифаи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 5-уми майи соли 2023;

– Конфронси XI байналмилалии илмӣ-амалии «Низоми ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд».

– Маъруза тахти унвони: «Мушкилоти таснифи асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 31-уми октябри соли 2023;

– Конфронси XIII байналмилалии илмӣ-амалии «Низоми ҳуқуқи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ: таҳлили тамоюлҳо ва дурнамои рушд». – Маъруза таҳти унвони: «Танзими ҳуқуқии литсензионии фаъолият дар соҳаи гардиши партовҳои хатарнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 31-уми октябри соли 2025;

**Б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии танзими ҳуқуқҳои экологии инсон ва шаҳрванд дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия: ҷанбаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ». – Маъруза таҳти унвони: «Асоси экологии сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе, 30-юми апрели соли 2025.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 1 монография, 11 мақолаи илмӣ баён шудаанд, ки аз ин миқдор 6-тоаш дар маҷаллаҳои пешбари тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд ва 5-тоаш дар маҷмуаҳои конфронсҳои илмӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйхати ихтисорот ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ки шаш параграфро дар бар мегиранд, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва рӯйхати интишорот оид ба мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 184 саҳифаро ташкил медиҳад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** аҳаммияти илмии мавзуи интихобшуда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он дар адабиёти илмии кишвар ва хориҷӣ қайд гардидааст. Мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот муайян шудаанд, объект ва предмети таҳқиқот ташаккул дода шудаанд, инчунин методҳои таҳлили илмӣ тавсиф гардидаанд. Навгонии илмӣ асоснок карда шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот муайян гардидааст, саҳми шахсии муҳаққиқ дар ҳалли вазифаҳои илмӣ нишон дода шудааст, сохтор ва ҳаҷми таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррар карда шудааст.

Боби якум – **«Эволютсияи танзими ҳуқуқи конститутсионии муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби якум – **«Ташаккули асосҳои ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар давраи шуравии рушди Тоҷикистон»** - диссертант таҳқиқоти ҳамаҷониба доир ба ташаккул ва эволютсияи пешниҳодҳои меъёрии танзими муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи ҳифзи муҳити зист дар давраи шуравиро анҷом додааст. Ба таври пайдарпай муқаррароти Конститутсияҳои гуногуни ҶШС Тоҷикистон ва нақши онҳо дар муқаррар кардани меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи экологӣ таҳлил шудаанд.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки меъёрҳои конститутсияҳои дар давраи ҳукмронии шуравӣ қабулшуда муқаррароти алоҳидаро, ки ба масъалаҳои экологӣ дахл доранд, дар бар мегирифтанд. Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки дар низоми ҳуқуқии шуравӣ масъалаҳои ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ на ҳамчун соҳаи мустақил ва муҳимми ҳуқуқ, асосан ҳамчун унсурҳои ёрирасонӣ сиёсати хоҷагӣ баррасӣ мешуданд. Дар маркази сиёсати давлатӣ кӯшишҳо

баҳри саноаткунонӣ, афзоиши иқтидори истеҳсолӣ ва азхудкунии захираҳои табиӣ қарор доштанд, ки ин ба таври объективӣ ҷанбаҳои экологиро ба канори танзими ҳуқуқӣ тела медод. Набудани қонуни махсус оид ба ҳифзи табиат дар ҶШС Тоҷикистонро метавон ҳамчун натиҷаи равиши умумии давлати иттифоқӣ ба масъалаҳои экологӣ баррасӣ кард. Дар он замон ҳифзи ҳуқуқии муҳити зист қисман амалӣ карда мешуд, яъне тавассути меъёрҳои қонунгузории замин, об ва ҷангал, ки хусусияти захиравиро доштанд, на ҳифзӣ. Чунин равиш ҷаҳонбинии технократии он давраро инъикос мекард, ки дар доираи он табиат асосан на ҳамчун арзиши мустақил, ки ҳифзи ҳуқуқии низомнок талаб мекунад, балки ҳамчун манбаи рушди иқтисодӣ қабул мешуд. Ин ҳолат аз набудани консепсияи дақиқи ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон дар давраи шуравӣ ва механизмҳои институсионалии амалӣ гардондани онҳо шаҳодат медиҳад. Набудани масъалаҳои экологӣ дар низоми самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ «холигии ҳуқуқӣ»-еро эҷод кард, ки дар даҳсолаҳои баъдӣ, ҳангоме ки оқибатҳои азхудкунии бемаҳдуди захираҳои табиӣ ба рушди устувори ҷомеа таҳдид намуд, таъсири он возеҳ эҳсос карда шуд.

Давраи шуравии рушди конститутсионии соҳаи ҳифзи муҳити зистро дар Тоҷикистон метавон ҳамчун марҳилаи марказонидашудаи идоракунии давлатии захираҳои табиӣ бо ҳассосияти экологии ҳадди ақалли қонунгузорӣ тавсиф кард. Бо вуҷуди ин, одилона аст қайд карда шавад, ки маҳз давраи шуравӣ асосҳои сохториро барои ташаккули минбаъдаи қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон гузошт, зеро монополияи давлатиро ба захираҳои табиӣ муайян кард, чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии истифодаи онҳоро муқаррар намуд ва заминаро барои гузариш ба меъёрҳои пешрафта ва экологӣ ҷиҳати тамаркуз дар давраи баъдишуравӣ омода кард.

Дар параграфи дуюми боби якум – «Рушд ва хусусиятҳои институти танзими ҳуқуқи конститутсионии муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ дар муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз ҷониби диссертант мазмун ва эволютсияи меъёрҳои конститутсионӣ, ки асосҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи табиатро дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд, омӯхта шудааст. Муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудаанд, ки дар онҳо принсипҳои моликияти давлатӣ ба захираҳои табиӣ, уҳдадориҳои экологии шаҳрвандон ва кафолатҳои амалӣ гардондани ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи экологӣ мустаҳкам гардидаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар ин соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйироти радикалӣ ба амал омад. Аз он лаҳза ченаки экологӣ ба унсури фаъоли танзими конститутсионӣ табдил гардид. Бояд қайд кард, ки воқеияти дигари муҳим ва хеле хушоянд он аст, ки модели муосири конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлҳои ҷаҳонии соҳаи ҳуқуқи экологиро дар худ инъикос мекунад. Меъёрҳои мавҷуда аз ҳолати дуюмдараҷа берун баромада, хусусияти системавӣ пайдо кардаанд ва бо ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ зич пайванд шудаанд, ки ин низоми ҳуқуқии миллиро ба стандартҳои байналмилалие наздик кардааст, ки дар он ҳуқуқҳои экологӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҳуқуқҳои инсон баррасӣ мешаванд.

Тамоюли мусбати ҳамроҳкунандаи давраи муосири конститутсионализм муқаррароте ташкил медиҳад, ки уҳдадориҳои экологии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро оид ба ҳифзи муҳити зист мустаҳкам мекунанд, аз ташаккули фалсафаи нави ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад, ки дар маркази

он на танҳо иқтисодиёт, балки инсон, саломатии ӯ, сифати зиндагӣ ва ҳамоҳангӣ бо табиат қарор дорад.

Бо вуҷуди ин, дар ҳоле, ки қонунгузории экологӣ рушд кардааст ва аҳаммияти ҳифзи муҳити зист дар сатҳи сиёсати давлатӣ эътироф мешавад, танзими ҳуқуқи конститутсионии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври пурра равишҳои муосири ҳифзи ҳуқуқҳои экологии инсонро инъикос намекунад, зеро дар муқарраротии худ ҳуқуқҳои калидии экологӣ чун ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва ҳуқуқ ба дастрасии иттилооти дақиқи экологӣ надорад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ мустаҳкам шуда, ҳамчунин ва қайд мегардад, ки давлат чораҳо оид ба беҳдошти муҳити зист, таъсис ва рушди варзиши оммавӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм меандешад, аммо худи ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар ва ҳуқуқ ба дастрасии иттилооти дақиқ дар бораи вазъи муҳити зист ҳамчун ҳуқуқҳои бунёдии алоҳида ҷудо нашудаанд ва ҳануз ҳам шакли конститутсионии худро нагирифтаанд. Чунин камбудӣ дар муқарраротӣ Конститутсияи кишварбоис мегардад, ки ҳуқуқҳои экологӣ хусусияти тобеъӣ ва ҳосилшуда дошта бошанд, зеро амалӣ гардондани онҳо асосан дар сатҳи қонунгузории соҳавӣ сурат мегирад. Дар чунин падидаи ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва ҳуқуқ ба дастрасии иттилооти дақиқи экологӣ бештар аз ихтиёри қонунгузор ва амалияи маъмурӣ вобаста аст, ки ин, албатта самаранокии онҳоро коҳиш дода, имкониятҳои ҳимояи судиро маҳдуд месозад ва татбиқи назорати конститутсиониро дар ҳолати вайроншавии манфиатҳои экологии шахс мушкил мегардонад.

Бо назардошти тамоюлҳои муосири рушди ҳуқуқи байналмилалӣ ва амалияи конститутсионии доираи васеи давлатҳо, ки дар онҳо ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид ва дастрасӣ ба иттилооти экологӣ ҳамчун ҷузъи низоми

ҳуқуқҳои инсон ва унсури рушди устувор эътироф шудаанд, ки набудани муқарраroти конститутсионии танзими онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назари мо ҳамчун камбудии меъёрӣ дида мешавад, ки таҳлили доктриналӣ ва рушди минбаъдаи ҳуқуқӣ-конститутсиониро талаб мекунад.

Боби дуюм – **«Муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ – ҳамчун объекти танзими ҳуқуқи конститутсионӣ»** ном дорад. Боби мазкур аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби дуюм – **«Мафҳум ва мазмуни асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ»** - аз ҷониби диссертант равишҳои доктриналии муайянсозии асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ омӯхта шудаанд. Муаллиф аҳаммияти ҳамаҷониба ва бонизоми онҳоро барои рушди минбаъдаи соҳаи ҳуқуқи экологӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ асоснок мекунад.

Тасдиқ карда мешавад, ки заминаи конститутсионию ҳуқуқии ҳуқуқи муосири экологӣ аз маҷмуи муқарраroти меъёрӣ ташаккул меёбад, ки меъёр-принсипҳо, меъёрҳои танзимкунанда (меъёр-қоидаҳо) ва меъёрҳои мустаҳкамкунандаи афзалиятҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии баррасишуда (меъёр-афзалиятҳо)-ро дар бар мегирад. Категорияҳои овардашудаи меъёрҳои конститутсионӣ нишондиҳандаи мафҳумии танзими ҳуқуқӣ буда, қоидаҳои асосӣ ва иерархияи арзишҳоро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи табиат муқаррар мекунанд.

Меъёр-принсипҳо дар низоми ҳуқуқҳои экологӣ вазифаи ҳамроҳикунандаи меъёрҳои асосиро иҷро мекунанд, ки танзимҳои арзишӣ ва оғози ғоявии соҳаи мувофиқи ҳуқуқро мустаҳкам месозанд. Зеро, мазмуни онҳо, аз ҷумла консепсияи рушди устувор, афзалиятнокии тадбирҳои пешбинигардидаи ҳифзи муҳити зист нисбат ба дигар манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ, хусусияти пешгирикунандаи ҳифзи экологӣ, инчунин принсипи

масъулияти байнинаслӣро дар бар мегирад, ки аз муқаддимаи Конститутсияи кишвар бармеояд. Муқарраротҳои конститутсионӣ метавонанд на танҳо ҳамчун меъёрҳои мустақими амал, ки муносибатҳои ҷамъиятии мушаххасро танзим мекунанд ва на фақат ҳамчун асоси методологии танзими соҳавии ҳуқуқ баррасӣ шаванд, балки ҳамчун принсипҳои мустақили конститутсионӣ, ки самти рушди низоми ҳуқуқро дар маҷмуъ муайян менамояд, арзёбӣ гарданд.

Ҳамчун меъёр-қоидаҳо метавон муқаррароти мушаххаси меъёриро ҷудо намуд, ки аз рӯйи мазмунашон ба давлат уҳдадории беҳтарсозии муҳити зистро менамоянд вогузор менамояд (моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ё уҳдадориҳои мушаххаси шаҳрвандонро оид ба ҳифзи табиат муқаррар мекунанд (моддаи 44 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Ва ниҳоят, дар низоми ҳуқуқи экологӣ меъёр-пафзалиятҳо самтҳои асосии фаъолияти давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва муносибат бо захираҳои табиӣ мустаҳкам мекунанд. Маълум аст, ки вазифаи функсионалии онҳо дар ташаккули иерархияи ҳадафҳои ҷамъиятӣ ифода меёбад, ки дар доираи он ҳифзи муҳити зист ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ эътироф карда мешавад. Дар ин маврид муқаррар намудани афзалиятнокии ҳифзи муҳити зист ба муқаррароти моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад, ки тибқи он: «Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами ҳайвонот ва наботот ва дигар захираҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад». Чунин сохтори ҳуқуқӣ ба меъёр-афзалиятҳои экологӣ хусусияти дорои аҳамияти конститутсионӣ бахшида самти ҳуқуқи оммавии танзими истифодаи захираҳои

табиӣ ва фаъолияти ҳифзи табиатро пешакӣ муайян месозад.

Ҳамин тавр, асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низоми меъёрҳои ба ҳамдигар вобастаи меъёрие ташкил медиҳанд, ки аз меъёр-принсипҳо, меъёр-қоидаҳо ва меъёр-афзалиятҳо иборат буда, дар маҷмуъ нишондиҳандаҳои арзишӣ, самтҳо ва механизмҳои танзими ҳуқуқии соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табииро муайян мекунанд. Мустаҳкамгардонии афзалияти ҳифзи экологӣ, истифодаи оқилонаи табиат ва амнияти экологӣ ҳамчун самтҳои калидии сиёсати давлатӣ, инчунин эътирофи захираҳои табиӣ ҳамчун моликияти истисноии давлат ва вогузор кардани уҳдадории таъмини истифодаи самараноки онҳо ба манфиати халқ ва давлат ба меъёрҳои экологӣ хусусияти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ бахшида, нақши онҳоро дар рушд ва банизомдарории қонунгузории миллии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Муаллиф хулоса мекунад, ки асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат маҷмуи муқарраротҳои эъломӣ, балки пойдеври системавие мебошанд, ки бар асоси он тамоми сиёсати экологӣ ва танзими ҳуқуқии давлат сохта мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мустаҳкам кардани чунин мафҳумҳои калидӣ, ба мисли «захираҳои табиӣ», «муҳити зист», «ҳифзи табиат» заминаи арзишию ҳуқуқиро ташакил медиҳад, ки самти стратегии рушди қонунгузории экологӣ ва афзалиятҳои фаъолияти давлатро дар ин соҳа муайян мекунад.

Чолишҳои муосир, ки дар миёни онҳо метавон раванди обшавии пиряххо, хушкшавии биёбонҳо ва таназзули заминҳо, инчунин ифлосшавии захираҳои обиро ҷудо намуд, ки на фақат зарурати риояи расмии меъёрҳо, балки сохтани механизмҳои самаранок, устувор ва ҳамаҷонибаи ҳифзи экологӣ, ки ба низоми ҳуқуқию

конститутсионӣ дохил карда шудаанд, ба вуҷуд меоранд. Маҳз дар ин робита аҳаммияти махсусро раванди ҳуқуқии экологикунонӣ пайдо мекунад, яъне ҷорӣ кардани талабот ва принсипҳои экологӣ ба дигар соҳаҳои қонунгузорӣ, ки ба низоми ҳуқуқӣ хусусияти ягонагӣ ва байнисоҳавӣ медиҳад.

Чолишҳои экологии номбурда ба таври қонунӣ мусоидат мекунанд, ки ташаккули низоми миллии экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе ҳамгироии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ғайриимкон мегардад, ки он на танҳо самтҳоро муайян мекунанд, балки мувофиқати тадбирҳои миллиро бо стратегияҳои экологии ҷаҳонӣ таъмин менамоянд. Дар ин робита, принсипҳои рушди устувор, ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, ҳифзи гуногунии биологӣ ва амнияти иқлимӣ ҳамчун асоси доктриналии такмили сохтори ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

Бояд таъкид кард, ки ҳуқуқи экологӣ дар раванди тағйирёбии динамикӣ қарор дорад, ки аз танзими маҳдуди истифодаи захираҳои табиӣ ба ташаккули низоми мукаммали конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ки бар асоси синтези принсипҳои миллӣ ва байналмилалӣ, экологикунонии қонунгузорӣ ва дарки стратегии рушди устувор асос ёфтааст. Чунин сохтори мукаммали ҳуқуқӣ на танҳо кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро мустаҳкам мекунад, балки барои таъмини амнияти экологӣ ва устувории давлат дар шароити чолишҳои ҷаҳонии асри ҷорӣ низ нигаронида шудааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм – **«Хусусиятҳои принсипҳои сохтори конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар низоми танзими меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – аз ҷониби диссертант моҳият, мазмун ва хусусияти принсипҳое, ки асоси танзими конститутсионии муносибатҳои ҳуқуқии экологиро ташкил медиҳад, омӯхта шудааст.

Муаллиф қайд мекунад, ки низоми принсипҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори ҳуқуқии ягона, бисёрқабата ва динамикии рушдёбанда мебошад, ки синтези ғояҳои бунёдии рушди устувор, афзалияти ҳифзи муҳити зист ва равиши антропосентрӣ ба амалӣ гардондани ҳуқуқҳои инсонро инъикос мекунад. Муқаррароти конститутсионӣ дар бораи моликияти давлатӣ ба захираҳои табиӣ (моддаи 13), ҳуқуқи ҳар кас ба ҳифзи саломатӣ ва тадбирҳои давлат оид ба беҳдошти муҳити зист (моддаи 38), инчунин меъёр оид ба уҳдадории ҳар як шахс дар ҳифзи табиат (моддаи 44) чаҳорчӯбаи меъёрӣ-арзишии ҳуқуқи экологӣ ташкил медиҳанд ва самти стратегӣ сиёсати экологии давлатро муайян мекунанд.

Дар ин робита аҳаммияти махсусро он пайдо мекунад, ки конститутсионализми миллӣ меъёрҳои императивии экологиро ба низоми умумии асосҳои сохтори конститутсионӣ ҳамгиро мекунад ва бо ин васила алоқамандии байни амнияти экологӣ, суботи иҷтимоӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои асосии шахсро мустаҳкам месозад. Ҳуқуқҳои экологӣ, ки ибтидо ҳамчун унсури ҳосилшудаи низоми ҳуқуқҳои классикии инсон буданд, дар раванди эволютсияи худ аҳаммияти меъёрӣ ва фалсафӣ-ҳуқуқии мустақил пайдо кардаанд. Дар маънои муайян, ҳуқуқҳои экологӣ дар чунин замина ҳамчун пули хос байни ҳуқуқ, ахлоқ ва ҳадафҳои рушди устувор баромад намуда, заминаи ҳамзистии ҳамоҳанги инсон ва муҳити зистро ташаккул медиҳанд.

Ҳамзамон таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки принсипҳои конститутсионӣ дар танзими соҳавии ҳуқуқӣ тавассути мустаҳкамгардонии чунин категорияҳо, ба мисли афзалияти ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, ҳуқуқ ба дастрасии иттилооти дақиқи экологӣ, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои экологӣ ва амалӣ

гардондани назорати ҷамъиятии экологӣ, рушд меёбанд. Амалисозии фаъолонаи тамоми ҳуқуқҳои номбурда дар маҷмуъ консепсияи демократияи экологӣ мустаҳкам мекунад, ки дар доираи он шаҳрвандон на танҳо қабулкунандагони оддии қарорҳои давлатӣ, балки субъектҳои фаъоли муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ мебошанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки принсипҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зерсохтори низоми ҳуқуқиро ташакил медиҳанд, ки ба соҳаи экологӣ равона гардида, барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст. Инчунин, аҳамияти дигараш дар он аст, ки онҳо метавонанд бо гузариш аз сатҳи эъломиявии ҳифзи муҳити зист, модели функсионалии масъулияти экологиро таъмин намоя нд, ки дар он ҳифзи табиат ҳамчун унсури ҷудонашавандаи таъмини ҳуқуқҳои инсон, рушди устувор ва амнияти миллӣ баррасӣ мешавад.

Боби сеюм – **«Нақши меъёрҳои конститутсионӣ дар ташаккули қонунгузории экологӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якуми боби сеюм – **«Таснифоти асосҳои конститутсионии ҳуқуқҳои экологии инсон ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқҳои инсон»**, аз ҷониби диссертант таҳлили ҳамаҷонибаи равишҳои назариявӣ оид ба муайян ва низомноксозии ҳуқуқҳои экологии инсон дар заминаи мустаҳкамгардонии конститутсионӣ, инчунин дар партави консепсияи «демократияи экологӣ», ки дар доктринаи илмии муосир ташаккул ёфтаистодааст, гузаронида шудааст.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки эътирофи аҳаммияти ҳуқуқҳои экологии инсон бо принсипҳои бунёдии сохтори давлатӣ, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд, пайванди ҷудонашаванда дорад, ки мувофиқи он Тоҷикистон

ҳамчун давлати демократӣ шинохта мешавад. Чунин муқаррароти конститутсионӣ самти стратегии рушди кишварро муайян мекунад, ки дар он демократия на танҳо ҳамчун шакли ташкили сиёсии ҷамъият, балки ҳамчун хусусияти сифатӣ тамоми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсати экологӣ низ баррасӣ мешавад.

Дар чунин замина эътироф ва таъмини ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандон унсури ҳатмии татбиқи принсипи демократӣ баромад мекунад, зеро демократия бе иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳое, ки манфиатҳои ҳаётии онҳоро, аз ҷумла экологӣ, таъсир мерасонанд, ғайриимкон аст. Амалӣ гардондани ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, иштирок дар қабули қарорҳо ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар маҷмуъ зуҳуроти демократия дар андозаи экологӣ мебошанд, ки робитаи зичи байни ҳолати конститутсионии шахс ва масъулияти экологии давлатро инъикос менамоянд.

Аз ин рӯ, муроҷиат ба моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаи муҳим бароварда шавад: демократияи экологӣ – ин татбиқи мушаххаси принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар қонуни асосии кишвар мустаҳкам шудаанд. Агар демократия дар маънои сиёсӣ иштироки халқро дар идоракунии давлат ифода менамояд, пас демократияи экологӣ иштироки шаҳрвандонро дар идораи муҳити зист, назорат бар амнияти экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ифода мекунад. Ҳамин тавр он мазмуни воқеии ғояи ҳокимияти халқро ифода намуда онро на танҳо ба соҳаи сиёсӣ, балки ба соҳаи экологии муносибатҳои ҳуқуқӣ низ паҳн мекунад.

Дар ин робита метавон таъкид кард, ки принсипҳои демократизм, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шудаанд, тавассути институти ҳуқуқҳои экологии инсон рушди мушаххаси худро пайдо

мекунанд, ки ҳамчун воситаи амалии татбиқсозии идеали конститутсионӣ, яъне сохтани давлати демократии ба иҷтимоӣ нигаронидашуда ва аз ҷиҳати экологӣ масъул, хизмат мекунанд. Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки маҳз аз ҳамин сабаб эътироф, ҳифз ва рушди ҳуқуқҳои экологӣ бо мустаҳкамгардонии асосҳои демократии давлатдории тоҷик пайванди ҷудонашаванда дорад.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – **«Мушкилот ва дурнамои рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – аз ҷониби диссертант мушкилоти ҳамоҳангсозии минбаъдаи қонунгузории кишвар бо санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, набудани равиши мукаммал ба меъёрэҷодкунии экологӣ, камбудиҳои ҳуқуқӣ дар қисмати танзими масъалаҳои муносибат бо партовҳои электронӣ, инчунин дурнамои ҷорӣ намудани механизми масъулияти васеи истеҳсолкунандагон ба таври пайдарпай таҳлил шудаанд.

Муаллиф қайд мекунад, ки қонунгузории муосири экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккули фаъол ва азнавсозии мафҳумӣ қарор дошта, аз танзими пароканда гузашта ба модели системавӣ ва кодификатсияшудаи таъмини ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист табдил ёфтааст. Бо вуҷуди мавҷудияти маҷмуи назарраси санадҳои меъёрӣ, ки ҷанбаҳои алоҳидаи истифодаи захираҳои табииро танзим мекунанд, самаранокии онҳо то андозае бо набудани ҳамоҳангии дохилӣ, такроршавии меъёрҳо, бархӯрди меъёрҳо ва заиф будани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ маҳдуд карда мешаванд.

Яке аз мушкилоти калидӣ норасоии ҳамгироии стандартҳои байналмилалии экологӣ ба қонунгузории миллӣ, инчунин сатҳи пасти институсионалии амалисозии принсипҳои асосии ҳуқуқи экологии муосир, аз қабили «ифлоскунанда пардохт мекунад», масъулияти васеи истеҳсолкунандагон ва рушди устувор дохил мешавад. Дар як қатор ҳолатҳо меъёрҳои экологӣ фақат хусусияти

эъломиявӣ доранд, ки бо механизмҳои иқтисодии татбиқкунанда таъмин нашудаанд ва бо низоми самараноки назорат ва ҷавобгарӣ мустаҳкам нашудаанд.

Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, тамоюлҳои рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки дар бораи ташаккули заминаҳо барои кодификатсияи низомнок ва навсозии тадриҷии он сухан ронда шавад. Таҳияи лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи қонунии рушди институсионалӣ мебошад, ки ба тартиб даровардани маҷмуи санадҳои меъёрӣ, бартараф кардани зиддиятҳо, мустаҳкам кардани самти пешгирии танзими ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти экологии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ нигаронида шудааст.

Дурнамоҳои рушди қонунгузории экологӣ дар мустаҳкам кардани равиши илман асоснок ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамгироии талаботҳои экологӣ ба соҳаҳои вобастаи ҳуқуқ (шаҳрсозӣ, замин, об, энергетика ва ғайра), инчунин рушди абзорҳои рақамии мониторинги экологӣ ва назорати ҷамъиятӣ дида мешавад. Рушди минбаъдаи қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба ташаккули низоми самаранок, ягона ва мувозинати танзими ҳуқуқӣ равона гардад, ки бар асоси стандартҳои байналмилалӣ ва принсипҳои адолати экологӣ асос ёфтааст.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда дар соҳаи асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

1. Давраи шуравии рушди конститутсионии соҳаи ҳифзи муҳити зистро дар Тоҷикистон метавон ҳамчун марҳилаи марказонидашудаи идоракунии давлатии захираҳои табиӣ бо ҳассосияти экологии ҳадди

ақалли қонунгузорӣ тавсиф кард. Бо вуҷуди ин, одилона аст қайд карда шавад, ки маҳз давраи шуравӣ асосҳои сохториро барои ташаккули минбаъдаи қонунгузории экологӣ дар Тоҷикистон гузошт, зеро монополияи давлатиро ба захираҳои табиӣ муайян кард, чаҳорчӯбаҳои ҳуқуқии истифодаи онҳоро муқаррар намуд ва заминаро барои гузариш ба меъёрҳои пешрафта ва экологӣ ҷиҳати тамаркуз дар давраи баъдишуравӣ омода кард [1-М].

2. Танзими муосири конститутсионии муносибатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои равиши ҳамгироиро инъикос мекунад, ки дар он муҳити зист на ҳамчун самти алоҳидаи сиёсати ҳуқуқии давлат, балки ҳамчун унсури ҳамаҷониба, ки фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва байналмилалии давлатро фаро мегирад, баррасӣ мешавад. Робитаи байни экология ва ҳуқуқҳои инсон, саломатии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва ҳамкории байналмилалӣ ҳарчи бештар ошкор мегардад.

Эволютсияи меъёрҳои конститутсионӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на фақат хроникаи ҳуқуқӣ, балки инъикоскунандаи равандҳои амиқи иҷтимоӣ-таърихӣ мебошад, ки гузариш аз модели саноатии истифодаи табиат ба консепсияи муосири рушди устувор ва масъулияти экологии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро нишон медиҳад ва ин марҳилаи қонунии эволютсияи ҳуқуқӣ мебошад, ки барои таҳкими минбаъдаи ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меорад [2-М].

3. Муайян карда шуд, ки асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми меъёрҳои ба ҳамдигар вобастаи меъёриро ташкил медиҳанд, ки меъёр-принсипҳо, меъёр-қоидаҳо ва меъёр-афзалиятҳоро дар бар мегиранд ва дар маҷмуъ нишондиҳандаҳои арзишӣ, самтҳо ва механизмҳои танзими ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи захираҳои табииро муайян мекунанд. Устуворнамоии афзалияти ҳифзи

экологӣ, истифодаи оқилонаи табиат ва амнияти экологӣ ҳамчун самтҳои калидии сиёсати давлатӣ, инчунин эътирофи захираҳои табиӣ ҳамчун моликияти истисноии давлат ва вогузор кардани уҳдадории таъмини истифодаи самараноки онҳо дар манфиати халқ ба меъёрҳои экологӣ хусусияти ҳуқуқи конститутсионӣ медиҳад ва нақши ташаккулдиҳандаи онҳоро дар рушди қонунгузории экологии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад [10-М].

4. Чолишҳои муосири экологӣ, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хос мебошанд, аз ҷумла обшавии пиряххо, хушкшавии биёбонҳо ва таназзули заминҳо, ифлосшавии захираҳои обӣ ва ғайра, ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки ташаккули низоми экологии миллӣ бе ҳамгироии меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ғайриимкон буда, он на танҳо барои муайян кардани чунин нишондиҳандаҳо, балки барои таъмин намудани мутобиқати чораҳои миллӣ бо стратегияҳои экологии ҷаҳонӣ мебошанд. Дар ин робита, принсипҳои рушди устувор, ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, ҳифзи гуногунии биологӣ ва амнияти иқлимӣ асоси доктриналии такмили сохтори ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегарданд.

Ҳуқуқи экологӣ дар раванди тағйирёбии динамикӣ қарор дорад, ки аз танзими маҳдуди истифодаи захираҳои табиӣ ба ташаккули низоми мукаммали конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, ки бар асоси синтези принсипҳои миллӣ ва байналмилалӣ, экологикунонии қонунгузорӣ ва дарки стратегии рушди устувор асос ёфтааст. Чунин сохтори мукаммали ҳуқуқӣ на танҳо кафолатҳои ҳуқуқии ҳуқуқҳои экологии шаҳрвандонро мустаҳкам мекунад, балки барои таъмини амнияти экологӣ ва устувории давлат дар шароити чолишҳои ҷаҳонии асри ҷорӣ низ нигаронида шудааст [6-М].

5. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки принсипҳои конститутсионӣ дар

танзими соҳавии ҳуқуқӣ тавассути мустаҳкамгардонии чунин категорияҳо, ба мисли афзалияти ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, ҳуқуқ ба дастрасии иттилооти дақиқи экологӣ, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои экологӣ ва амалӣ гардондани назорати ҷамъиятии экологӣ, рушд меёбанд. Амалисозии фаъолонаи тамоми ҳуқуқҳои номбурда дар маҷмуъ консепсияи демократияи экологӣ мустаҳкам мекунад, ки дар доираи он шаҳрвандон на танҳо қабулкунандагони оддии қарорҳои давлатӣ, балки субъектҳои фаъоли муносибатҳои ҳуқуқии экологӣ мебошанд.

Метавон хулоса кард, ки принсипҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зерсохтори низоми ҳуқуқиро ташакил медиҳанд, ки ба соҳаи экологӣ равона гардида, барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат нигаронида шудааст. Инчунин, аҳамияти дигараш дар он аст, ки онҳо метавонанд бо гузариш аз сатҳи эъломиявии ҳифзи муҳити зист, модели функсионалии масъулияти экологиро таъмин намоя нд, ки дар он ҳифзи табиат ҳамчун унсури ҷудонашавандаи таъмини ҳуқуқҳои инсон, рушди устувор ва амнияти миллӣ баррасӣ мешавад [4-М].

6. Муайян карда шуд, ки агар низоми қаблии ҳуқуқҳои инсон аз рӯйи соҳаҳо – шахсӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ сохта мешуд, пас дар давраи тағйироти иқлимӣ он бештар ба модели ҳамгирой тамоюл дорад, ки дар он унсури экологии ҳамаи категорияҳои ҳуқуқҳои инсонро фаро мегирад. Ин дар навбати худ рад кардани иерархияи анъанавии ҳуқуқҳои инсонро ба нафъи консепсияи ба ҳамдигар вобастаи экологии ҳуқуқу озодиҳо талаб намуда, мувофиқи он ҳифзи муҳити зист шарти зарурии амалисозии ҳар навъи ҳуқуқ мегардад, на самти алоҳидаи сиёсати ҳуқуқии давлат. Аз ҷумла, ба чунин навъи ҳуқуқҳо, метавонанд ҳуқуқ ба муҳити зисти

мусоид, ҳуқуқ ба истифодаи табиат, ҳуқуқ ба ҳифзи ҳуқуқҳои экологӣ ва ғайра дохил шаванд [6-М].

7. Эътирофи аҳаммияти ҳуқуқҳои экологии инсон бо принсипҳои асосии сохтори давлатӣ, ки дар моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд, пайванди ҷудонашавандае дорад, ки мувофиқи он Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ эътироф карда мешавад. Чунин муқаррароти конститутсионӣ самти стратегии рушди кишварро муайян мекунад, ки дар он демократия на танҳо ҳамчун шакли ташкили сиёсии ҷамъият, балки ҳамчун хусусияти сифатӣ тамоми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла сиёсати экологӣ баррасӣ мешавад. Дар чунин замина эътироф ва таъмини ҳуқуқҳои экологи шаҳрвандон унсури ҳатмии татбиқи принсипи демократие зоҳир мегардад, ки демократияро бе иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётии онҳо, аз ҷумла манфиатҳои экологӣ дахл доранд, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Амалӣ гардондани ҳуқуқ ба муҳити зисти мусоид, дастрасӣ ба иттилооти экологӣ, иштирок дар қабули қарорҳо ва ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ дар маҷмуъ зуҳури демократия дар андозаи экологӣ мебошанд, ки робитаи зичи байни вазъи конститутсионии шахс ва масъулияти экологии давлатро инъикос менамоянд. Аз ин рӯ, муроҷиат ба моддаи 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки хулосаи муҳим бароварда шавад: демократияи экологӣ – ин татбиқи мушаххаси принсипҳои давлати демократӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар қонуни асосии кишвар мустаҳкам шудаанд. Агар демократия дар маънои сиёсӣ иштироки халқро дар идоракунии давлат ифода менамояд, пас демократияи экологӣ иштироки шаҳрвандонро дар идораи муҳити зист, назорат бар амнияти экологӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ифода мекунад. Ҳамин тавр он мазмуни воқеии ғояи ҳокимияти халқро ифода намуда онро на танҳо ба соҳаи сиёсӣ, балки ба

соҳаи экологии муносибатҳои ҳуқуқӣ низ паҳн мекунад [5-М].

8. Қонунгузории муосири экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккули фаъол ва азнавсозии мафҳумӣ қарор дошта, аз танзими пароканда гузашта ба модели системавӣ ва кодификатсияшудаи таъмини ҳуқуқии ҳифзи муҳити зист табдил ёфтааст. Бо вуҷуди мавҷудияти маҷмуи назарраси санадҳои меъёрӣ, ки ҷанбаҳои алоҳидаи истифодаи захираҳои табииро танзим мекунанд, самаранокии онҳо то андозае бо набудани ҳамоҳангии дохилӣ, такроршавии меъёрҳо, бархӯрди меъёрҳо ва заиф будани амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ маҳдуд карда мешаванд.

Яке аз мушкилоти калидӣ норасоии ҳамгироии стандартҳои байналмилалии экологӣ ба қонунгузории миллӣ, инчунин сатҳи пасти институсионалии амалисозии принсипҳои асосии ҳуқуқи экологии муосир, аз қабили «ифлоскунанда пардохт мекунад», масъулияти васеи истеҳсолкунандагон ва рушди устувор дохил мешавад. Дар як қатор ҳолатҳо меъёрҳои экологӣ фақат хусусияти эъломиявӣ доранд, ки бо механизмҳои иқтисодии татбиққунанда таъмин нашудаанд ва бо низоми самараноки назорат ва ҷавобгарӣ мустаҳкам нашудаанд. Бо вуҷуди камбудиҳои ҷойдошта, тамоюлҳои рушди қонунгузории экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки дар бораи ташаккули заминаҳо барои кодификатсияи низомнок ва навсозии тадриҷии он сухан ронда шавад. Таҳияи лоиҳаи Кодекси экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи табиии рушди институсионалии соҳа мебошад, ки ба танзимдарории маҷмӯи санадҳои меъёрӣ ва таҳким бахшидани самти пешгирии танзими ҳуқуқии он нигаронида шудааст [7-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Бар асоси таҳлили мушкилот дар соҳаи асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ таҳия шудаанд:

1. Бо мақсади бартараф намудани камбудии меъёрии амалкунанда, ки дар рафти таҳқиқоти илмии мазкур ошкор гардидааст, пешниҳод мегардад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо моддаи нави $39^1$ пурра гардида ва дар таҳрири зерин нишон дода шавад: «Ҳар кас ҳуқуқи ҷудонашаванда ба муҳити зисти мусоид ва бехатар дорад, ки барои зиндагии сазовор ва некӯаҳволӣ зарур аст. Давлат уҳдадор аст, ин ҳуқуқро эҳтиром кунад, ҳимоя намояд ва таъмин созад, сиёсати экологии самаранокро амалӣ гардонад, оиди пешгирии зарари экологӣ чораҳо андешад, инчунин дастрасии шаҳрвандонро ба иттилооти дақиқ ва саривақтӣ дар бораи вазъи муҳити зист ва имконияти иштирок дар қабули қарорҳои муҳими экологӣ кафолат диҳад».[1-М].

2. Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ», ки соли 2002 қабул шудааст, то щадди лозимӣ мушкилоти афзоиши микдори партовҳои электронӣ, ки барои давраи муосир хос аст, ба таври кофӣ ба назар нагирифтааст. Моддаи 1-и қонуни мазкур таърифи мафҳумҳои партовҳо, партовҳои истеъмолӣ, ашёҳои хоми дуюминдараҷа, партовҳои сахти маишӣ, партовҳои хатарнокро нишон медиҳад, аммо дар қисмати муайян кардани мафҳуми «партовҳои электронӣ» ягон муқаррарот нест. Ба ақидаи мо, гарчанде партовҳои электронӣ то андозае ба навъи ашёҳои хоми дуюминдараҷа ё партовҳои сахти маишӣ мансуб дониста шавад ҳам, бо вуҷуди ин ба мақсад мувофиқ аст, ки онҳоро ҳамчун категорияи алоҳида ҷудо карда шавад, зеро ин амал аз таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи соҳаи

муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда гирифта шуда, пурра мувофиқи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мувофиқ мешуморем, ки пешниҳод карда шавад ба моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ» аз 10.05.2002 тағйирот ворид карда шавад ва бо таърифи «Партовҳои таҷҳизоти барқӣ ва электронӣ» пурра гардида, дар таҳрири зерин пешниҳод гардад: «Партовҳои таҷҳизоти барқӣ ва электронӣ – маснуот, қисмҳо ва маводҳои барқӣ ва электроние мебошанд, ки хусусиятҳои функсионалӣ ё истеъмолии худро аз даст додаанд ва бояд хориҷ, безараргардонӣ ё коркард карда шаванд, аз ҷумла қисмҳо, пайвандҳо ва маводҳое, ки ҳангоми ҷудокунӣ, таъмир ё навсозии чунин таҷҳизот ба вуҷуд меоянд, инчунин барои истихроҷи захираҳои дуюминдараҷа метавонанд истифода гарданд» [8-М].

3. Пешниҳоди хусусияти истифодаи амалидоштаи дигар он аст, ки асоснок ва мувофиқи мақсад мешуморем, ки ба моддаи 1-и (Мафҳумҳои асосӣ) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 02.08.2011 тағйирот ворид намуда бо истилоҳи зерин пурра карда шавад: «Масъулияти васеи истеҳсолкунандагон (МВИ) – маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодие мебошад, ки бо мақсади кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ба истеҳсолкунандагон ва воридкунандагони молҳо оиди ҷамъоварӣ, коркард, истифодаи такрорӣ ва безараргардонии партовҳои баъди аз даст додани хусусиятҳои истеъмолии маҳсулот ба вуҷуд меоянд, ӯҳдадорӣ вогузор мекунад»[7-М].

# СПИСОК ЛИТЕРАТУРЫ (ИСТОЧНИКОВ)

## I. Нормативно-правовые акты:

[1]. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994 г. с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 г., 22 июня 2003 г. и 22 мая 2016 г. (на таджикском и русском языке) [Текст]. – Душанбе: Ганч, 2016. – 137 с.

## II. Монографии, учебники, учебные пособия:

[2]. Азизкулова, Г.С. Цикл лекций по истории государства и права Республики Таджикистан (досоветский период) [Текст] / Г.С. Азизкулова. – Душанбе, 1995. – 212 с.

[3]. Бринчук, М.М. Экологическое право. Учебник. [Текст] / М.М. Бринчук. – М.: ИД «Городец». – 2009. – 832 с.

[4]. Гадоев, Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан [Текст] / Б.С. Гадоев. – Душанбе: Типография ТНУ, 2014. – 224 с.

[5]. Джаборов, Р. Д. Экологическое право Республики Таджикистан (на тадж яз.) [Текст] / Р.Д. Джаборов. – Душанбе, 2004. – 241 с.

[6]. Диноршоев, А.М. Закрепление прав и свобод человека в Конституции Республики Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев. – Душанбе, 2014. – 143 с.

[7]. Золотухин, А.В., Султонова, Т.И., Шабозов, Р.Г., Улугов, У.А. Экологическое право Таджикистана: учебник [Текст] / А.В. Золотухин, Т.И. Султонова, Р.Г. Шабозов, У.А. Улугов, – Душанбе: Ирфон, 2017. – 444 с.

[8]. Колбасов, О.С., Шемшученко, Ю.С. Правовые проблемы экологии [Текст] / О.С. Колбасов, Ю.С. Шемшученко. – Киев: Наук. думка. – 1989. – 232 с.

[9]. Маджидзода, Дж.З. Конституция Республики Таджикистан: 20 лет [Текст] / Дж.З. Маджидзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 152 с.

[10]. Насриддинзода, Э.С. Правовая культура: монография [Текст] / Э.С. Насриддинзода. – М.: Норма-Инфра-М, 2014. – 352 с.

[11]. Основы экологического права: учебник для среднего профессионального образования [Текст] / Под редакцией С. А. Боголюбова. – 8-е изд., перераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2024. – 318 с.

[12]. Сохибзода, М.М. Экологическое право Республики Таджикистан: первое издание [Текст] / М.М. Сохибзода. – Душанбе: «Эрграф» 2021. – 180 с.

[13]. Тахиров, Ф.Т. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917 - 1994 гг.) [Текст] / Ф.Т. Тахиров. - Душанбе: Дониш. – 2014. – 838 с.

[14]. Шарифов, Г.В. Об, ҳаёт, сиёсат [Матн] / Г. В. Шарифов. – Душанбе: Недра. – 2013. – 140 с.

## III. Статьи и доклады:

[15]. Боймахмадзода, Н.С. Система экологического законодательства Республики Таджикистан [Текст] / Н.С. Боймахмадзода // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2021. – № 2 (87). – С. 83-90.

[16]. Герасимов, Д.В. Конституционно-правовые основы регулирования права на благоприятную окружающую среду [Текст] / Д.В. Герасимов // Общество и право. – 2012. – № 1 (38). – С. 60-64.

[17]. Кодирзода, М.А. Некоторые вопросы экологических прав человека [Текст] / М.А. Кодирзода // International scientific review of the problems of law, sociology and political science: XX International correspondence scientific specialized conference, Boston, 26–27 мая 2021 года. – Boston: PROBLEMS OF SCIENCE, – 2021. – С. 42-56.

[18]. Копылов, М.Н. Право на благоприятную окружающую среду: процесс становления юридического содержания [Текст] / М.Н. Копылов // Вестник Российского университета дружбы народов. Серия: Юридические науки. – 2003. – № 1. – С. 48-54.

[19]. Рашидов, Д.К. Становление и развитие правового регулирования экологических отношений в период Саманидов: теоретические и практические вопросы [Текст] / Д.К. Ршидов //

Сборник: Реформа системы государственного управления и государственной службы: ее современные эффективные модели. Матер. Межд. Науч. Практ. Конф. – Душанбе, – 2021. – С.432-441.

[20]. Яковлев, Э.Ю. К вопросу о создании реально действующих конституционных механизмов защиты экологических прав граждан России [Текст] / Э.Ю. Яковлев // Известия Российского государственного педагогического университета им. А.И. Герцена. – 2008. – № 58. – С. 332-338.

## IV. Диссертации и авторефераты:

[21]. Бадалов, Ш.К. Проблемы гражданско-правовой ответственности за экологический вред в Республике Таджикистан [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Бадалов Шараф Каримович. – Душанбе, 2011. – 224 с.

[22]. Сафаров, Б.А. История воплощения концепций и международных стандартов в области прав человека в правовую систему Республики Таджикистан [Текст]: дис. …д-ра юрид. Наук: 12.00.01 / Сафаров Бахтовар Амиралиевич. – Душанбе, 2015. – 370 с.

[23]. Эльназаров, Д.Х. Конституционно-правовое регулирование защиты прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан: вопросы теории и практики [Текст]: дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.02 / Эльназаров Давлатшо Ходжаевич. – Душанбе, 2019. – 364 с.

## V. Электронные ресурсы:

[24]. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 28.12.2023 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.president.tj/event/missives/36374 (дата обращения: 10.11.2024)

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Монография ва маҷмуаи таълимӣ-методӣ:

**[1-М].** Полтавец, А.В. Конституционные основы экологического права в Республике Таджикистан» [Текст]: монография / А.В. Полтавец. – Душанбе: Российско-Таджикский (Славянский) университет, 2023. – 181 с.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**[2-М].** Полтавец, А.В., Эльназаров, Д.Х. Проблемы развития конституционных норм в экологическом законодательстве Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец, Д.Х. Эльназаров // Юридический вестник. – 2023. – № 1(13). – С. 33-39; ISSN: 2790-7570

**[3-М].** Полтавец, А.В. Экологическая основа конституционного строения Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2023. – № 1(13). – С. 26-32. ISSN: 2790-7570

**[4-М].** Полтавец, А.В. Понятие и содержание конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Законодательство. – 2023. – № 1(49). – С. 27-32; ISSN: 2410-2903

**[5-М].** Полтавец, А.В. Нормативно-правовая система регулирования экологических проблем в Таджикистане: взаимодействие национальных и международных нормативных актов [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2023. – № 2(14). – С. 23-26; ISSN: 2790-7570

**[6-М].** Полтавец, А.В. Конституционные основы экологических прав человека и их виды [Текст] / А.В. Полтавец // Юридический вестник. – 2025. – № 4(24). – С. 10-17; ISSN: 2790-7570

**[7-М].** Полтавец А.В., Давлатов, Х.Х. Проблемы и перспективы развития экологического законодательства Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец, Х.Х. Давлатов // Юридический вестник. – 2026. – № 1(25). – С. 10–19; ISSN: 2790–7570

**III. Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**

**[8-М].** Полтавец, А.В., Рахматова, Т.Р. Правовое регулирование электронных отходов в Республике Таджикистан на основании Базельской конвенции «О контроле за трансграничной перевозкой опасных отходов и их удалением» [Текст] / А.В. Полтавец, Т.Р. Рахматова // Юридический вестник. – 2021. – № 4(8). – С. 106-111. ISSN: 2790-7570

**[9-М].** Полтавец, А.В. Понятие экологической функции в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Актуальные проблемы современности: взгляд молодежи: материалы Международной научно-практической конференции (Душанбе, 5 мая 2023 г.) – Душанбе: РТСУ, 2023г. – С. 213 – 217.

**[10-М].** Полтавец, А.В. Проблемы классификации конституционных основ экологического права Республики Таджикистан / А.В. Полтавец // XI Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (Душанбе, 31 октября 2023г.). – Душанбе: РТСУ, 2023г. – С. 132-138.

**[11-М].** Полтавец, А.В. Правовое регулирование лицензирования деятельности в сфере обращения с опасными отходами в Республике Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // XIII Международная научно-практическая конференция «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». (Душанбе, 31 октября 2025г.). – Душанбе: РТСУ, 2025г. – С. 119-124.

**[12-М].** Полтавец, А.В. Экологическая основа конституционного строения Республики Таджикистан [Текст] / А.В. Полтавец // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Теоретико-правовые основы

регулирования экологических прав человека и гражданина в правовой системе Республики Таджикистан и Российской Федерации: конституционно-правовой аспект». – Душанбе: РТСУ, 2025г. – С. 183-193.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Полтавца Алексея Витальевича на тему «Конституционные основы экологического права в Республике Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 5.5.2. Конституционное право; конституционный судебный процесс; правовое регулирование местной власти**

**Ключевые слова:** конституционное право, конституционные принципы, климатические изменения, охрана окружающей среды, природные ресурсы, расширенная ответственность производителей, устойчивое развитие, экологическое законодательство, экологическая безопасность, экологическая демократия, экологическая политика, экологические права человека.

Диссертационное исследование посвящено комплексному анализу конституционно-правовых основ экологического регулирования в Республике Таджикистан в условиях современных глобальных и национальных экологических вызовов.

Научная новизна исследования заключается в том, что в нём впервые в отечественной юридической науке проводится комплексный системный анализ конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан. Обоснована взаимосвязь конституционных норм с экологическим законодательством, выявлены особенности формирования реализации экологических прав человека на конституционном уровне, а также дана авторская классификация конституционных экологических прав.

Результаты исследования обладают теоретической и практической значимостью и могут быть использованы в законотворческой деятельности, а также в учебном процессе при преподавании дисциплин «Конституционное право» и «Экологическое право».

## АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Полтавец Алексей Витальевич дар мавзуи «Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**Калимаҳои калидӣ:** ҳуқуқи конститутсионӣ, принсипҳои конститутсионӣ, тағйироти иқлимӣ, ҳифзи муҳити зист, захираҳои табиӣ, масъулияти васеи истеҳсолкунандагон, рушди устувор, қонунгузории экологӣ, амнияти экологӣ, демократияи экологӣ, сиёсати экологӣ, ҳуқуқҳои экологии инсон.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқи конститутсионии танзими муносибатҳои экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити чолишҳои экологии ҷаҳонӣ ва миллӣ бахшида шудааст.

Навгонии илмӣ таҳқиқот дар он аст, ки дар илми ҳуқуқшиносии кишвар бори аввал таҳлили ҳамаҷонибаи системавии асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Робитаи меъёрҳои конститутсионӣ бо қонунгузории экологӣ асоснок карда шудааст, хусусиятҳои ташаккул ва амалӣ гардондани ҳуқуқҳои экологии инсон дар сатҳи конститутсионӣ ошкор гардидаанд, инчунин таснифоти муаллифонаи ҳуқуқҳои конститутсионии экологӣ пешниҳод шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд ва метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, инчунин дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионӣ» ва «Ҳуқуқи экологӣ» истифода шаванд.

## ANNOTATION

**to the dissertation abstract of Aleksei Vitalyevich Poltavets entitled "Constitutional Foundations of Environmental Law in the Republic of Tajikistan" submitted in partial fulfillment of the requirements for the degree of Candidate of Legal Sciences in specialty 5.5.2 Constitutional Law; Constitutional Judicial Procedure; Legal Regulation of Local Self-Government**

**Keywords:** constitutional law, constitutional principles, climate change, environmental protection, natural resources, extended producer responsibility, sustainable development, environmental legislation, environmental safety, environmental democracy, environmental policy, environmental human rights.

The dissertation is devoted to a comprehensive study of the constitutional and legal foundations of environmental regulation in the Republic of Tajikistan in the context of current global and national environmental challenges.

The scientific novelty of the research lies in the fact that, for the first time in national legal scholarship, it provides a comprehensive and systemic analysis of the constitutional foundations of environmental law in the Republic of Tajikistan. The dissertation substantiates the relationship between constitutional provisions and environmental legislation, identifies the specific features of the formation and implementation of environmental human rights at the constitutional level, and presents the author's own classification of constitutional environmental rights.

The findings of the research have both theoretical and practical significance and may be used in legislative activity, as well as in the educational process in teaching the academic disciplines of Constitutional Law and Environmental Law.